**Тақризи**
**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи “Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ).**

Таҳаввулу ташаккули адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои X-XIII ба ривоҷи насри ирфонӣ низ пайванди муҳкам дорад, зеро маҳз ба шарофати нуфузи ин навъи мутадовили наср ғановати адабиёти ин рӯзгор таъмин гардида, осори фаровоне бо сабку салиқа ва шеваи вижа рӯи кор омад ва раванди минбаъдаи пешрафти адабиро таъмин намуданд. Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон масъалаи таҳқиқи ҷанбаҳои поэтикии насри ирфонии форсу тоҷик ба яке аз самтҳои муҳими адабиётшиносии тоҷик табдил ёфт ва анҷоми силсилаи таҳқиқоти муҳим дар ин арса аз ошноии амиқ ва дарки ҳарчи бештари арзишҳои адабии осори мансури ирфонӣ дарак медиҳад.

Аҳмади Ғаззолӣ аз ҷумлаи орифони соҳибноми адабиёти форсу тоҷик ба шумор меравад, ки мероси бозмонда аз ӯ дар радифи осори беназири ин хазинаи пурбор эътироф гардида, барои равнақу ривоҷи насри классикии форсу тоҷик таъсири пурфайз гузоштааст. Танҳо ёдоварӣ аз ду рисолаи беназири ӯ “Савонеҳу-л-ушшок” ва “Рисолату-т-туюр”-и ӯ кофист, ки на танҳо дар ташаккули насри ирфонӣ, балки адабиёти форсу тоҷик дар умум таъсири ҷолибе аз худ гузоштаанд. Ҳарчанд осори мазкур борҳо дар кишварҳои форсизабон рӯи чоп омада бошанд ҳам, вале то кунун дар Тоҷикистон дар шакли китоби алоҳида ба чоп нарасидаанд ва шояд ҳамин амр сабаб шудааст, ки осори гаронмояи ӯ дар сатҳи зарурӣ аз дидгоҳи адабиётшиносии тоҷик таҳқиқношуда мондааст. Бар ин асос метавон баён кард, ки диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи “Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ” дар шумори нахустин тадқиқоти илмӣ қарор мегирад, ки дар он бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик вежагиҳои сабкиву мавзуи ду асари насрии ӯ “Савонеҳу-л-ушшоқ” ва “Рисолату-т-туюр” мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Таваҷҷуҳ ба таҳқиқоти то кунун анҷомёфта муайян месозад, ки бо сабаби нуфузи афкори фалсафиву ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ миёни ҳакимону файласуфон, донишмандон бештар афкори фалсафии ӯ таҳқиқ шуда, махсусиятҳои ҳунариву мавзуӣ ва арзишҳои адабии осори насрии адиб аз мадди назарҳо дур мондааст. Танҳо дар

мақолаҳои ҷудогона ва таҳқиқоти куллии олимони тоҷик, ки ба масъалаҳои таҳаввули насри классикии форсу тоҷик ихтисос ёфтаанд, мулоҳизоте муайян баён шудаанд. Аз ин нигоҳ, таҳқиқоти анҷомдодаи Саидғанизода Саидсултонхон аввалин пажуҳиши диссертатсионӣ роҷеъ ба хусусиятҳои бадеиву мавзуии рисолаҳои Аҳмади Ғаззолӣ ба шумор меравад.

Диссертант бо нашри 12 мақола, ки аз онҳо 4 ададаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, инчунин иштирок ва суханронӣ дар чандин конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятиву донишгоҳӣ саҳми шахсии хешро дар таҳқиқи ин мавзуи муҳим мушаххас сохтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 11 фасл, хулоса ва феҳрасти адабиёти истифодашуда, рӯйхати интишороти муаллиф иборат аст.

Дар муқаддима диссертант муҳиммияту мубрамият, дараҷаи омӯхташудан, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқи мавзуъ, методологияи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, сарчашмашиносӣ, мутобиқати мавзуи таҳқиқ ба рамзи ихтисоси ҳимояшавандаро муқаррар ва мушаххас намуда, нуктаҳои меҳварии барои дифоъ манзуршавандаро дақиқ сохтаст.

Боби аввали диссертатсия “**Рӯзгор ва осори Аҳмади Ғаззолӣ” унвон дошта,** аз се фасл таркиб ёфтааст. Қабл аз баррасии муҳимтарин нуктаҳои марбут ба зиндагинома ва мероси адабиву ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ диссертант баҳсу баррасиҳоеро роҷеъ ба авзои сиёсиву иҷтимоӣ, илмиву фарҳангии замони зиндагии муаллиф ба миён гузошта, масъалаи таъсири замонро ба ҷаҳоншиносии адиб амиқ баррасӣ кардааст. Тағироти муҳиме, ки дар ҳаёти адабии ин рӯзгор ба вуқуъ пайваст, ба андешаи муаллиф ба рухдодҳои сиёсии давр пайванди мустаҳкам дорад. Ин аст, ки ба таъкиди диссертант “Ин давра, агарчи аз нигоҳи авзои сиёсию иҷтимоӣ замони бисёр ҳассоси таърихӣ, даргириҳои байни қудратҳо, вазъи нооромии сиёсӣ ва хеле мураккаби иҷтимоӣ ба шумор равад ҳам, аз назари теъдоди адибон, ташкили доираҳо ва мактабҳои бонуфузи адабӣ, тараққиёти адабиёт, густариши қаламрави адабиёт, инкишофи жанрҳои адабӣ, таҳаввули муҳтавоии адабиёт яке аз давраҳои муҳимми таърихи адабиёти форсу тоҷик маҳсуб мешавад” [ диссер. с.16].

Бо назардошти он ки Аҳмади Ғаззолӣ яке аз нависандагони соҳибназар ва равнақбахшандагони насри ирфонии форсу тоҷик ба

шумор меравад, муҳаққиқи ҷавон бахше аз мабоҳиси меҳварии боби аввалро ба заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши осори ирфонӣ ихтисос дода, таъкид доштааст, ки новобаста ба он ки замони мавриди назар айёми хуношоми ҳамлаи муғул, қатлу ғоратгарӣ ва ҳатто куштори чандин аз намояндагони барҷастаи адабу ирфон ба шумор меравад, бо вуҷуди ин як марҳалаи муҳими инкишофи насри ирфонии форсу тоҷик эътироф гардидааст, ки бешак барои он заминаҳои муайяне омил гардидаанд. Пеш аз ҳама забони форсӣ ва густариши он дар манотиқи мухталиф яке аз омилҳои заминасози рушди насри ирфонӣ дониста шудааст ва аз ҷумла қайд мешавад, ки “Заминаи дигари рушди осори орифона дар охири қарни XII ва аввали қарни XIII дар давлати Осиёи Сағир ва дигар дарбори амирони силсилаи Салҷуқиён, ҳатто дар Шом мавриди истифода қарор доштани забони форсӣ, дар такомул бо луғоти арабӣ ва туркӣ буд. Рушду ривоҷи тасаввуф дар заминаи насрнависони форсӣ ба амал омада, китобҳои таълимии ирфонӣ дар масоили мухталифи усули тасаввуф ва ирфон, шарҳи ҳоли эшон дар ин аҳд ба арсаи адабиёт ворид гардиданд. Наҳзати форсинависӣ дар аҳди муғул дар мавзуъҳои илмию адабӣ зиёд гашта, ҳоҷати таълифоти китобҳои форсӣ ба назар мерасид” [ диссер. с. 34-35].

Дар фасли савуми боби аввал рӯзгор ва осори Аҳмади Ғаззолӣ бар асоси мутолеаи сарчашмаҳои муҳим, осори худи адиб, тазкираву таърихнома ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, зиндагиномаи ӯ амиқ ва муфассал шарҳу баён ёфтааст. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки муаллиф маъхазҳои муҳимеро, ки роҷеъ ба Аҳмади Ғаззолӣ овардааст, тасниф ва гуруҳбандӣ намуда, муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагонии ӯро дар ин замина шарҳу тафсир кардааст. Ба таъкиди муаллифи диссертатсия ҳарчанд Аҳмади Ғаззолӣ аз меҳру инояти падар барвақт маҳрум гардид, вале таҳти раҳнамоиҳои бародари муътабар ва донишманди хеш Имом Муҳаммади Ғаззолӣ ва орифону фозилони дигари аҳди худ ба камол расида, дар такмили адабиёти форсу тоҷик, бавижа насри классикӣ саҳми барҷаста гузоштааст. Аз ин адиби соҳибназар ба мерос мондани 23 рисолаву таълифот дар забонҳои форсӣ ва арабӣ, ки бозгӯи андешаву афкор ва тафаккури барозандаи муаллифи он ба шумор меравад, далели равшани мақоми арзанда ва саҳми бузурги Аҳмади Ғаззолӣ дар таҳаввули насри классикии форсу тоҷик ба шумор меравад.

Боби дувуми диссертатсия **“Сохтору муҳтаво ва ҷанбаҳои ирфонии насри Аҳмади Ғаззолӣ (дар мисоли “Савонеҳу-л-ушшоқ” ва “Рисолату-т-туюр”)** ном дошта, аз панҷ фасл таркиб ёфтааст. Бар асоси истифода аз феҳристҳои китобхонаҳои муътабари олам, омӯзиши мутуни таҳияшудаи ин рисолаҳо дар кишварҳои форсизабон, ба диссертант муяссар шудааст то муқаррар намояд, ки 26 нусхаи “Савонеҳу-л-ушшоқ” дар китобхонаҳои гуногуни олам маҳфуз мебошанд. Дар баробари ин, теъдоди муайяни нусхаҳои хаттии “Рисолату-т-туюр” низ аз рӯйи чунин феҳристҳо мушаххас гардидаст, ки онҳо дар китобхонаҳои Ҳинду Покистон, Эрон, Русия ва кишварҳои Аврупо маҳфуз буда, бахше аз онҳо муаррифӣ гардидаанд.

Баҳсу баррасиҳои марбут ба сохтору муҳтавои рисолаҳои “Савонеҳу-л-ушшоқ” ва “Рисолату-т-туюр” имконият додааст, ки муаллиф ҳар ду асарро аз дидгоҳи сохтору муҳтаво таҳқиқ намуда, сабаб ва омилҳои аслии таълифи ин осорро муқаррар намояд. Дар баробари ин, баррасии усулҳои истифодаи вожа ва истилоҳоти ирфонӣ дар осори мавриди таҳқиқ имконият додааст то арзиш ва аҳамияти ин ду рисола дар густариши насри тасаввуфӣ бозгӯй ва таҳқиқ карда шавад.

Яке аз баҳсҳои муҳим ва қобили таваҷҷуҳи ин боби диссертатсия марбут ба шарҳҳои “Савонеҳ”-и Аҳмади Ғаззолӣ ба шумор меравад. Ҳангоми таҳқиқ ба диссертант муяссар гардидааст, ки 7 шарҳи то кунун ба ин асар навишташударо муайян намуда, роҷеъ ба ҳар яке аз онҳо мулоҳизаҳои хешро баён намояд. Аз ҷумла, дар ҷараёни баррасӣ дақиқ карда шудааст, ки шарҳи манзуми ин асар, ки “Кунузу-л-асрор ва румузу-л-аҳрор” ном дошта, ба қалами Иззуддин Маҳмуди Кошонӣ тааллуқ дорад, то имрӯз бо номи “Ишқнома”-и Саноӣ дар таркиби маснавиҳои ин шоир ва орифи соҳибном чандин маротиба ба чоп расидааст. Пажуҳиши чандин нусхаи хаттии он аз ҷониби Аҳмади Муҷоҳид имконият фароҳам овардааст то муқаррар гардад, ки он шарҳи манзуми “Савонеҳ” будааст. Ин шарҳи манзум бо кӯшиши муҳаққиқи мазбур бори аввал дар таркиби китоби “Шуруҳи “Савонеҳ” рӯи чоп омадааст.

Баррасиҳои диссертант роҷеъ ба таъсири “Рисолату-т-туюр” бар афкор ва андешаҳои Аттори Нишопурӣ низ қобили таваҷҷуҳ аст. Аз дидгоҳи муаллиф он яке аз сарчашмаҳои калидии “Мантиқу-т-тайр” маҳсуб мешавад. Ин пажуҳишҳо муҳаққиқи ҷавонро ба хулосаи дуруст расонидаанд, ки осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ на танҳо ба ташаккули

насри ирфонӣ, балки дар таҳаввули осори манзуми ирфонӣ низ таъсири зиёд гузоштаанд ва намунаи боризи он ҳамин таъсирпазирии Аттор аз "Рисолату-т-туюр" ба шумор меравад.

Боби савуми диссертатсия "**Аҳамияти адабии осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ** (дар мисоли "Савонеҳу-л-ушшоқ" ва "Рисолату-т-туюр") ном дошта, муҳимтарин баррасиҳо дар се фасл ҷараён гирифтаанд. Нахуст, масъалаи сабки таълифи ҳар ду рисола дар миён гузошта шуда, вежагиҳои хоси нигориши таълифоти ирфонӣ дар онҳо шарҳу тафсир ёфтаанд. Махсусияти насри ирфонӣ дар корбурди бештари истилоҳоти хоси аҳли ирфон дар забони ин навъ осор ҷилвагар аст, ки ин матлаб бо зикри намунаҳои зиёде ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст [диссер. с.93-94]. Ҳамчунин диссертант аз истифодаи вожаюибораҳои мардумӣ дар рисолаҳои баррасишаванда зикр карда, намунаҳое низ овардааст [диссер. с.94-95]. Арзишҳои адабии ҳар ду асар бошад, дар заминаи корбурди саноеи бадеие чун ташбеҳ, талмеҳ, истиора, маҷоз, тавсифу сифатчинӣ ва монанди ин таҳқиқ шудааст.

Яке аз баррасиҳои бисёр муҳими ин боб истифодаи ашъор дар осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ ба шумор меравад. Ҳангоми таҳқиқи рисолаи "Савонеҳ" бо истифода аз усули оморӣ муқаррар намудааст, ки дар умум дар ин асар 115 байт ба кор рафтааст, ки бештари онҳоро рубоиёт ташкил медиҳанд. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки ҳангоми таҳлили қиёсии ашъори мазкур маълум шудааст, ки 84 байти мавриди истифода дар девони шоирони дигар дида намешаванд ё бархе аз онҳо дар таркиби осори шоироне омадаанд, ки баъд аз Аҳмади Ғаззолӣ зиндагӣ кардаанд. Аз ин рӯ, ба эҳтимоли зиёд муаллиф хулоса баровардааст, ки ашъори мазкур ба қалами худи Аҳмади Ғаззолӣ тааллуқ доранд. Ҳадафи аслии корбурди ин ашъор низ пеш аз ҳама оростагии сабки таълиф будааст, ки он арзишҳои адабиву бадеии насри Аҳмади Ғаззолиро афзун гардонидааст.

**Дар хулосаи** диссертатсия, ки аз 15 банди назарӣ ва 7 банди амалӣ иборат аст, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ба даст омада бозгӯй шудаанд, ки ҳамагӣ қимати муайяни илмии диссертатсияро бозгӯй мекунанд.

Баробари ин ҳама арзишҳои муҳими назариву амалӣ диссертатсия аз камбудиҳо низ орӣ намебошад, ки бартараф намудани онҳо ба салоҳи кори муаллиф аст:

1. Диссертатсия "Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ" ном дорад, вале дар матни он танҳо ду рисолаи муаллиф ба

риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Ба назари мо, дар унвони диссертатсия агар "дар мисоли "Савонеҳ-ул-ушшоқ" ва "Рисолат-ут-туюр" зикр мешуд, масъалагузорӣ мушаххас ва дақиқтар мегардид.

2. Тавре дар фасли савуми боби аввал зикр мешавад, чанде аз расоили Аҳмади Ғаззолӣ дар забони арабӣ навишта шудаанд. Чун таҳқиқи меҳварии диссертасия хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ ба шумор меравад, баъзе аз вежагиҳои сабкии насри адиб дар ҳар ду забон агар таҳқиқ мешуд, мақоми ин нависандаи ориф дар густариши насри арабизабони форсу тоҷик низ равшан мегардид.

3. Фасли аввали боби дувум ба масъалаи нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ дар мисоли ду рисолаи мавриди таҳқиқ бахшида шудааст. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муаллиф бештар ба маълумоти феҳристҳо такя мекунад ва нусхае аз онҳоро дар ихтиёр надорад. Дар феҳристи адабиёти истифодашуда ҳам нусхае дида ба чашм нарасид. Истифода аз нусхаҳои хаттӣ дар ҷараёни таҳқиқ метавонист аҳамияти илмии диссертатсияро боз ҳам биафзояд.

4. Дар фасли чоруми боби дувум сухан дар бораи шарҳҳои "Савонеҳ" -и Аҳмади Ғаззолӣ меравад ва бисёр хуб аст, ки муҳаққиқ 7 шарҳи онро муайян кардаву ба онҳо дастрасӣ пайдо намудааст. Вале ба назар мерасад, ки бештар дар бораи шарҳи манзум маълумот додааст. Шуруҳи дигар дар сатҳи матлуб муаррифӣ ва таҳқиқ нашудаанд.

5. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳо дар тарҷума (с.129) ва хатоҳои имлоиву техникӣ дар матн ба чашм мерасанд. Ҳамчунин якчанд байти арабӣ дар саҳифаи 139 бе тарҷума мондаанд. Ин норасоиҳо бояд ислоҳ карда шаванд.

6. Ҳамчунин баъзе камбудиҳо дар феҳристи рисола низ ба назар мерасанд:

- Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда зери унвони "бо забони тоҷикӣ" адабиёт ба забони тоҷикӣ, форсӣ ва ҳатто арабӣ оварда шудааст;
- дар адабиёт "бо забони русӣ" тарҷумаи форсии китоби Шиммель А. Шукуҳи шамс низ оварда шудааст;
- саҳифаҳои умумии баъзе аз адабиёт (китобҳо) дода нашудаанд;
- баъзе хатогиҳои имлоию техникӣ низ ба назар мерасанд.

Дар умум камбудиҳои зикршуда чузъи буда ва ислоҳи онҳо ҳеч мушкилие надорад.

Албатта, норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд. Дар маҷмуъ метавон баён намуд, ки диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи "Хусусиятҳои

бадей ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ” кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400- Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Номзади илми филология, дотсенти кафедраи
филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва
Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон М. Шодиев

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, гузари 3,
хиёбони Ғафуров 7, ут.5. E-mail: mir_shod1955@mail.ru
Тел: (+992)985-96-00-61

Имзои номзади илми филология,
дотсент Шодиев Мирзоҳуҷаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Маълумот барои тамос:
734025, хиёбони Рӯдакӣ, 17, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел: (+992-37) 221-62-25; факс 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

“29” майи соли 2023.